# ХУЛОСАИ

**комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-055-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Бобоев Шарафҷон Ниёзмадович дар мавзӯи «Рушди низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва аудити хароҷот дар шабакаҳои барқӣ (дар мисоли корхонаҳои таъминкунандаи барқии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800-Баҳисобгирӣ ва аудит пешниҳод шудааст**.

1. Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии Бобоев Ш.Н. «Рушди низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва аудити хароҷот дар шабакаҳои барқӣ (дар мисоли корхонаҳои таъминкунандаи барқии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» муҳим ва актуали буда, таҳқиқоти илмии ба анҷом расида дониста шуда, меҳнати ихтисосмандонаи унвонҷӯ ба шумор меравад, ки он ҳалли муаммоҳои афзалиятноки илмӣ-назариявӣ, ташкилӣ-методӣ ва равандҳои асосии баҳисобгирии идоракунии хароҷоти шабакаҳои барқиро дар бар гирифтааст. Таҳқиқоти илмӣ масъалаҳои дуруст ба роҳ мондани баҳисобгирии арзиши аслиро ҳамчун яке аз ҷузъҳои асосии ташаккули иттилооти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ оид ба муносибгардонии хароҷоти истеҳсол, интиқол ва фурӯши маҳсулоти энергетикӣ, такмили баҳисобгирии идоракунӣ дар бахши энергетика мустақилона аз ҷониби муаллиф гузаронида шуда, мазмуни пурраи таҳқиқоти илмиро фарогир мебошад.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 10 ва 11-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои таҳқиқшаванда дар соҳаи баҳисобгирӣ муҳосибӣ ва аудит ба шумор меравад, ки он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст. Дар таҳқиқоти илмӣ натиҷаҳои баланди аз ҷиҳати илмӣ-назариявӣ, ки маҷмуи онҳо дар пешрафти иқтисодиёт ва беҳтар намудани сифати истеҳсолу хизматрасонӣ оид ба ин соҳаи ҳаётан муҳим равона гардидааст ва он дорои моҳияти баланд мебошад, пешниҳод гардидаанд. Таҳқиқоти илмӣ фарогири масъалаҳое мебошад, ки барои пешрафти иқтисоди миллӣ ва беҳдошти сатҳи зиндагии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим арзёбӣ мегардад.

3. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 6D050800-Баҳисобгирӣ ва аудит, ки вобаста аз он ба Шӯрои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Коммисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 – уми апрели соли 2017, таҳти №16 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд.

Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми апрели соли 2017, тахти №1/3 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо ҳаҷми 6,18 ҷ.ч.) ба табъ расонида шудаанд ва ҳамаи онҳо ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия алоқаманд мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 14-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) мувофиқ мебошад.

5. Дар диссертатсияи Бобоев Ш.Н. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шуданд, ки аз риоя шудани банди 16-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Бобоев Ш.Н. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи докторант (PhD) чоп нагардидаанд, мавҷуд нест.

Мутобиқи банди 55-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, тахти №505 тасдиқ гардидааст, ба ӯҳда гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Бобоев Ш.Н. дар мавзӯи «Рушди низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва аудити хароҷот дар шабакаҳои барқӣ (дар мисоли корхонаҳои таъминкунандаи барқии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050800-Баҳисобгирӣ ва аудит ба Шӯрои диссертасионии 6D.KOA-055-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Бо пешниҳоди комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионӣ муқарризони расмии диссертатсияи мазкур шахсони зерин тайин карда шаванд:

- **Зарифов Шариф Раҳмонович,** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор - мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур;

- **Каримов Баҳодур Ҳасанович -** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент - мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудити Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат.

Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар ш. Хуҷанд тайин карда шавад.

3. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ **Шобеков М.**

**Аъзоёни комиссия:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ **Калемуллоев М.В.**

номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои шӯрои диссертатсионӣ **Тоҳирова Р.С.**